Соревнования

«Тасдиқ мекунам»
Раиси Федератсияи
муҳорибаҳои гуногуншакли
Ҷумҳурии Тоҷикистон
_____________Ҷураев Д.М
«____»_____________соли 2020

«Мувофиқа карда шуд»
Сардори Раёсати кор бо ҷавонон
ва варзиши ш. Душанбе
_____________ И.Мирзозода
«____»_____________ соли 2020

# НИЗОМНОМА

## дар бораи баргузор намудани мусобиқаи муҳорибаҳои гуногуншакли ғайрикасбӣ байни ҷавонон ва калонсолон барои дарёфти «Ҷоми шаҳри Душанбе»

### 1. Мақсад ва вазифаҳо:

1. Рушди варзиши муҳорибаҳои гуногуншакли ғайрикасбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2. Тарғибу ташвиқи тарбияи ҷисмонӣ ва тарзи ҳаёти солим дар ҷомеа;
3. Тарбияи ҷавонон дар руҳияи ватандӯстӣ;
4. Баланд бардоштани фарҳанги муҳорибаҳои гуногуншакли ғайрикасбӣ дар ҷомеа;
5. Муайян намудани варзишгарони беҳтарин ва шомил намудани онҳо ба дастаи мунтахаби ҷавонон ва калонсолони Федератсияи муҳорибаҳои гуногуншакли ғайрикасбии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### 2. Макон ва таърихи баргузории мусобиқа:

Мусобиқаи муҳорибаҳои гуногуншакли ғайрикасбӣ байни ҷавонон ва калонсолон барои дарёфти «Ҷоми шаҳри Душанбе» санаи 28-29 марти соли 2020 дар толори варзишии «**TIGER**» - и шаҳри Душанбе воқеъ дар паҳлуи «Қасри теннис» баргузор карда мешавад. Оғози чорабинӣ соати 09:00.

### 3. Ташкилкунандаи мусобиқа:

Роҳбарии умумии ташкил ва гузаронидани мусобиқа ба зиммаи Федератсияи муҳорибаҳои гуногуншакли ғайрикасбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе гузошта шуда, рафти қабули варзишгарон барои иштирок дар мусобиқа ба зиммаи Комиссияи қабул дар ҳайати сардовар ва доварон, саркотиб ва сардухтур гузошта мешавад. Ҳайати сардовар ва доварон тибқи тартиби муқарраргардида аз ҷониби Федератсия муайян ва тасдиқ карда мешавад.

## 4. Тартиб, шартҳо ва қоидаҳо барои иштирок дар мусобиқа:

Мусобиқаи муҳорибаҳои гуногуншакли ғайрикасбии мазкур тибқи қоидаҳои ягонаи Федератсияи байналмилалии муҳорибаҳои омехтаи ғайрикасбӣ (IMMAF) гузаронида мешавад.

Иштирок дар мусобиқа аз тарафи Комиссияи қабул иҷозат дода мешавад.

***Категорияҳои вазнҳо:***

Ҷавонон (18-20) – 52,2. 56,7. 61,2. 65,8. 70,3. 77,1. 83,9. 93. +120

Калансолон 18 ва боло - 52,2. 56,7. 61,2. 65,8. 70,3. 77,1. 83,9. 93. +120

***Вазнбаркашӣ ҳар рӯз қабл аз оғози чорабинӣ баргузор мегардад.***

Мусобиқа бо низоми олимпӣ гузаронида мешавад.

Вақти муҳорибаҳо аз 2 давр – 3 дақиқагӣ иборат аст.

Танаффусҳо дар байни даврахо 1 дақиқаро дар бар мегирад.

Дар як мусобиқа ба варзишгар барои гирифтани кӯмаки тиббӣ ваислоҳи либоси варзишӣ на зиёда аз 2 дақиқа вақт дода мешавад.

Миқдори баромадҳои варзишгарон дар категорияҳои болозикр набояд аз 3 баромад зиёд дар як рӯз бошад. Танаффус байни ҳар як баромади варзишгар бояд 90 дақиқа бошад.

## 5. Сипарҳо ва либоси варзишӣ барои иштирок:

1. Тамоми либосҳои варзишӣ бояд остинкутоҳ бошанд. Либосҳои варзишии остиндароз иҷозат дода намешавад.
2. Ҳар як варзишгар бояд шортҳо барои муҳорибаи омехта пӯшад. ягон кисаҳо, занҷиракҳо, тасмаҳо ва ё дигар модаҳои ба ғайр аз матое, ки шорт дӯхта шудааст, барои гузоштан дар шортҳо иҷозат дода намешавад. Ягон миёнбанд дар тарафи дохилии шортҳо иҷозат дода намешавад, он бояд дар даруни миёнбанди шорт ҷойгир шуда бошад.
3. Дастпӯшакҳо бояд кушода бо ангуштон ва маҳдудияти ангушти калон барои истифодаи усулҳои грепплинг бошанд. Банди даст бояд бо тасмача баста шавад. Дастпӯшакҳои бандакдор иҷозат дода намешаванд.
4. Истифодаи сипарҳо ва либосҳои варзишӣ барои варзишгарони мусобиқаи муҳорибаи омехтаи ғайрикасбӣ талаботи ҳатмӣ мебошад. Намуди сипарҳои истифодашаванда бояд қобилияти танзимнамоии хусусиятҳои грепплингро, ки дар мусобиқа мувофиқа шудаанд, дошта бошанд.
5. Аз тамоми варзишгарон хоҳиш карда мешавад, ки мундштукҳои хуб омодашударо истифода намоянд, ки он низ таҳти муоина ва тасдиқ қарор дода мешавад.

8. Аз тамоми варзишгарон хоҳиш карда мешавад, ки мундштукҳои хуб омодашударо истифода намоянд, ки он низ таҳти муоина ва тасдиқ қарор дода мешавад.

9. Тамоми варзишгарон бояд бо пешбандакҳои муҳофизатӣ таъмин бошанд ва онҳоро пӯшанд.

**6. Таъминоти молиявӣ ва бехатарии гузаронидани мусобиқа:**

- Хароҷотҳо вобаста ба баргузории мусобиқа, ҳаққи хизмати доварон, табиб, коргарони хизматӣ, комендант, мукофотҳо, иҷораи толор, медалу дипломҳо, ҷом, баландгӯяк ва ташкилоти бехатарӣ аз ҳисоби Федератсия ба роҳ монда мешавад.

Бехатарии мусобиқа тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаронидани мусобиқа таъмин карда мешавад ва шартномаҳои дахлдор бо мақомотҳои масъул ва ё ташкилотҳои салоҳиятдор ба имзо расонида мешаванд.

**7. Тартиб ва пешниҳоди дархост барои иштирок:**

1. Дархостҳои пешакӣ барои иштирок дар мусобиқа то санаи 20 марти соли 2020 ба суроғаи электронӣ MUZAFFAR20@MAIL.RU ва ё ба рақамҳои вайбери +992907-70-39-69 пешниҳод карда мешаванд.
2. Он дастае, ки дар санаи муқарраргардида дархости пешакиро пешниҳод накардааст, барои иштирок дар мусобиқа роҳ дода намешавад.

*Намунаи дархост*

*Дархост*

бораи иштирок намудан да мусобиқаи муҳорибаҳои гуногуншакли ғайрикасбӣ байни ҷавонон ва калонсолон барои дарёфти «Ҷоми шаҳри Душанбе» аз дастаи ____________

«____» «_________» соли 2020

| № | Ному насаб | Соли таваллуд | Вазн | Ҷои истиқомат | Мураббии варзишгар | Мухри табиб |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |

Мураббии даста _____________ Ному насаб

Пизишк _____________ Ному насаб

Эзоҳ: Ҳуҷҷатҳои аслӣ (шиноснома, маълумотномаи тиббии мухрдор) барои иштироки варзишгарон аз ҷониби муррабии даста ба Комиссияи қабул рӯзи мусобиқа супорида мешавад.